*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012*
*назди ДДТТ (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) пешниҳод шудааст**

Дар чаҳони муосир ва тағйирёбанда рушди иктисодиёти сохаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои гумрукӣ яке аз масоили мубрами рушди бозор ба ҳисоб рафта, танҳо дар асоси истифодаи асосҳои илмӣ, механизмҳои ҳозиразамон, коркарди механизми танзими давлатии хизматрасонӣ пиёда мегардад. Дар ин раванд нақши хизматрасониҳои гумрукӣ ба афзудани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва минтақавӣ, тағйирёбии қонеъ гардонидани талабот ба молу хизматрасонӣ, сатҳи даромад ва буҷети кишвар ва раванди воридоту содироти молҳо ва беҳдошти назорати гумрукӣ таъсири бевосита дорад. Новобаста ба ин аз таҳлилҳо бармеояд, ки на ҳамаи масоили назариявӣ ва амалии ташаккули консепсияи таъмини хизматрасониҳои гумрукӣ, беҳтарсозии фазои инвеститсионӣ, такмили низоми интихобу истифода ва мукаммалгардонии низомҳои гумрукӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст ва пешбурди таҳқиқотҳои махсусро дар назар дорад. Аз ин рӯ актуалӣ будани мавзуи рисолаи Ғаюрова Рано Саидмуродовна боиси дастгирӣ мебошад.

Аз автореферат дида мешавад, ки дар он хизматрасониҳои гумрукӣ барои пешбурди амалиётҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ, иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ оид ба танзими давлатии фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, инчунин интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шуда, равишҳои назариявӣ ва хусусиятҳои истифодаи низомҳои гумрукӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Вобаста ба шароити муосир таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ омӯхта шуда, истифодаи он дар раванди беҳтарсозии фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шудааст .

Аз автореферат дида мешавад, ки аз тарафи муаллиф таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию

содиротӣ аз рӯи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Дар автореферат таҳқиқи фаъолияти гумрукӣ бо назардошти баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ асоснок карда шуда, барои такмили он чораҳои мушаххас бо назардошти истифодаи оқилонаи ин низомҳо то давраи соли 2030 нишон дода шудааст.

Мутассифона дар автореферат норасоиҳо низ ҷой доранд. Пеш аз ҳама ҳангоми баррасии хусусиятҳои хизматрасониҳои гумрукӣ иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ оид ба танзими давлатии фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, инчунин интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада нашудааст. Аз тарафи дигар механизми аниқи дуруст ба роҳ мондани алоқаи мутақобилаи байни мақомоти гумрук, ташкилотҳои нақлиётӣ, терминалҳо дар автореферат оварда нашудааст.

Камбудиҳои дар тақриз дарҷ гардида ҷузъӣ буда ба мазмун ва баҳои воқеии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса рисолаи пешниҳодшуда дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта буда, дорои натиҷаҳои илмию амалӣ мебошад ва ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) мувофиқ буда, муаллифи он Ғаюрова Рано Саидмуродовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ин ихтисос мебошад.

**Мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Б.М. Ҷумъаев**

**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
тел.: (+992 934888670), E-mail: j_bahoviddin@mail.ru

Имзои Ҷумъаев Баховиддин Махмадназаровичи доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.